30 - СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 28 (4611) | ЧОРШАНБЕ, 22 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ТАҚДИМИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ ВА РУТБАҲОИ НАВБАТИИ ҲАРБӢ

**21-уми феврали соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори таҷлили 30 - юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ хизматчиёни низомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои хизмати намунавӣ ва саҳми арзанда дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, мубориза бо ҷинояткорӣ, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ҷасорату фидокорӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ сарфароз гардониданд.**





Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозирин ва дар шахси онҳо афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро ба ифтихори 30 - солагии таъсисёбии Артиши миллӣ, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, табрику таҳният гуфтанд.

Зикр гардид, ки дар натиҷаи заҳмати софдилонаи мардуми шарифи Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлоли мо бемайлон тараққӣ карда, Ватани маҳбубамон сол ба сол ободу зебо ва некуаҳволии халқамон беҳтар шуда истодааст.

Ҳамаи ин дастовардҳоро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самараи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ арзёбӣ карданд, ки ба шарофати хизмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин гардида истодааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати мамлакат хизмати содиқона ва матонату ҷасорати хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар ҳимояи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, қонунияту тартибот ва ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ҳамеша қадршиносӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, ин навбат мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» як гурӯҳ фарзандони шуҷоъ ва далер бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени «Спитамен» дараҷаи I, ордени «Спитамен» дараҷаи II, ордени «Шараф» дараҷаи II, медали «Ҷасорат», медали «Хизмати шоиста», медали «Марзбони шуҷои Тоҷикистон», Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо рутбаҳои навбатии ҳарбӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани рутбаҳои олии ҳарбӣ, махсуси навбатӣ ва навбатии ҳарбӣ» ба як гурӯҳ хизматчиёни низомӣ аз Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои олии ҳарбии генерал - майор ва рутбаи махсуси навбатии генерал - майори милитсия дода шуд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ хизматчиёни низомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои хизмати намунавӣ ва саҳми арзанда дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, хизмати бархе аз хизматчиёни низомӣ барои мубориза бо ҷинояткорӣ, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ҷасорату фидокорӣ бо ордени «Спитамен» дараҷаи I, ордени «Спитамен» дараҷаи II, ордени «Шараф» дараҷаи II, медали «Ҷасорат» ва як гурӯҳ афсарону сарбозон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот бо медали «Хизмати шоиста», медали «Марзбони шуҷои Тоҷикистон» ва Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда шуд.

Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ хизматҳои содиқонаи афсарон, фаъолияти пурмаҳсул ва хизмати намунавии ҳарбии онҳо аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша қадр карда мешавад.

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти мамлакат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи хизматчиёни ҳарбиро барои сазовор шудан бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ шодбош гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба хизмати содиқона бар нафъи давлату миллат ва таъмини амнияту суботи сарзамин раҳнамоӣ намуданд.

Сарвари давлат ҳамаи онҳоеро, ки бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ қадрдонӣ гардиданд ва тамоми афсарону сарбозони шуҷои кишварро бо санаи муҳими таърихӣ - 30 - юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик карданд.

Дар охири маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат низ вазифаи бошарафу муқаддаси худро бо садоқат ба Ватан, давлат, миллат ва савганди ҳарбии худ, бо интизоми қавӣ, донишу малакаи муосир ва муҳимтар аз ҳама, бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ иҷро менамоянд.

**www.president.tj**





## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту дуюми феврали соли равон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомад баргузор гардид.**

Дар оғози чорабинӣ Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 бо ибтикор ва талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити басо ноорому мушкил таъсис ёфта, марҳилаҳои ниҳоят вазнинро тай кардааст. Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёде, ки дар тӯли солҳои гузашта дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷой доштанд, тадриҷан ба неруи тавонои ҳарбӣ табдил ёфта, ҳоло ба сипари боэътимоди Ватан ва таъминкунандаи амнияти мамлакат мубаддал гаштааст.

Сипас раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Шоҳмурод Рустам дар бораи таърихи таъсисёбии Артиши миллӣ хотирнишон намуд, ки истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон ба осонӣ муяссар нашудааст. Бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ кишварамон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафот ва хисороти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гашта, асосҳои давлатдорӣ фалаҷ гардиданд. Таърихи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ шаҳодати ин набардҳои шадиди сиёсию геополитикӣ мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Мо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити ниҳоят вазнину ҳассоси иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии кишвар, яъне дар рӯзҳое, ки мамлакатро ҷангу хунрезӣ, беқонуниву беҳокимиятӣ ва буҳрони шадиди иқтисодӣ фаро гирифта буд ва ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони Тоҷикистон ва пароканда гардидани миллати тоҷик, воқеан, ба миён омада буд, таъсис додем».

- Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ҳарчанд роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ дар бобати созмон додани Артиши миллӣ кӯшишҳое аз худ нишон дода бошанд ҳам, вале он бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ амалӣ нагардиданд. Аввалин маротиба зарурати таъсиси Вазорати мудофиа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди 2 Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9- уми сентябри соли 1991 пешбинӣ шуда буд. Нахустин кӯшиш дар ин замина Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24- уми декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ» буд. Баъдтар, 4 - уми январи соли 1992 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкил намудани Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 10 - уми июни соли 1992 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Горди халқӣ» ва 17- уми сентябри соли 1992 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расида бошанд ҳам, вале вобаста ба авзои носолими сиёсӣ ва мураккаби оғози истиқлолияти давлатӣ имконият ва шароити таъсиси яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлол, яъне Артиши миллӣ ба Тоҷикистон муяссар нагардид, - гуфт Шоҳмурод Рустам.

Зикр гардид, ки аз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо Тоҷикистон аз инфрасохтор, техникаю лавозимоти ҷангии артиши собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бархӯрдор нашуд.

Танҳо баъд аз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди Артиши миллӣ ба таври воқеӣ корҳои амалӣ сурат гирифтанд.

18 - уми декабри соли 1992 Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарор дар бораи роҳбарии фаврӣ, идоракунии мутамарказ ва сафарбаркунии неруҳои мусаллаҳи сохторҳои низомӣ бо мақсади ҳар чӣ зудтар ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қабул гардид, ки роҳбарии он ба дӯши Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вогузошта шуд. Аз ҷониби дигар ба тасвиб расидани ин қарорҳо заминаи ҳуқуқиро барои ташкили Артиши миллӣ фароҳам овард. Ҳамин тариқ, 23 - юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

- Хизмати Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ дар он аст, ки дар марҳилае, ки қувваҳои мусаллаҳи зиддидавлатӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ аз рӯи шумораи умумӣ аз неруҳои низомии давлатӣ бартарӣ доштанд, тавонист, ки стратегияи мушаххаси ҳам мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддидавлатӣ ва ҳам созмон додани Артиши миллиро муайян карда, онро амалӣ намояд, - таъкид намуд Шоҳмурод Рустам.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад карда, аз ҷумла гуфт, ки дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби қӯшунҳои сарҳадии Хадамоти федералии амнияти Федератсияи Россия ҳифз карда мешуданд. Ҷиҳати таҳти назорати худ қарор додани сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 таҳти № 981 дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби 1200 нафар аъзои Фронти халқӣ Бригадаи таъиноти махсуси марзбонон таъсис дода шуд. Бо фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 1992 Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъсис дода шуда, Бригадаи таъиноти махсус ба сохтори раёсати мазкур ворид гардид.

(Давомаш дар саҳ. 2)



Шаҳрия АҲТАМЗОД

## ДАР ҲИФЗИ МАРЗ

*Хушо, ки сарҳади тоҷик амон аст,*
*Чароғаш рӯшану партавфишон аст.*
*Ба чашми чун уқобу хашми шерӣ*
*Далеру навҷавоне посбон аст.*

*Ту дилбанди диёри хештан бош,*
*Ту дар ҳифзи Ватан, марзи Ватан бош!*

*Зи чашмони чароғи марз тарсад,*
*Ҳар он ки дар дилаш макре ниҳон аст.*
*Аҷаб дорам, ки дигар по намонад,*
*Ба ин марзе, ки бо ному нишон аст.*

*Ту дилбанди диёри хештан бош,*
*Ту дар ҳифзи Ватан, марзи Ватан бош.*

*Ба ҷони кишвараш пайванд гашта,*
*Ба ҳифзаш шаҳсутуни устувор аст.*
*Ба қалбаш хуни мардӣ мезанад ҷӯш,*
*Чу раъду барқ рӯҳаш тезкор аст.*

*Ту дилбанди диёри хештан бош,*
*Ту дар ҳифзи Ватан, марзи Ватан бош!*

*Адӯ гар по ниҳад бар сарҳади мо,*
*Варо аз по занад дасти ватандор.*
*Шаборӯзӣ бувад сарбоз бедор,*
*Шаборӯзӣ бувад бар марз девор.*

*Ту дилбанди диёри хештан бош,*
*Ту дар ҳифзи Ватан, марзи Ватан бош!*

*Аё сарбоз, дар марзи Ватан бош,*
*Ватанро дӯст дору ҷону тан бош.*
*Наояд то ки хасме бар сари марз,*
*Ба рағми ӯ чу гурди Пилтан бош.*

*Ту дилбанди диёри хештан бош.*
*Ту дар ҳифзи Ватан, марзи Ватан бош.*



# ИҶРОИ САРИВАҚТИИ ДАСТУРҲОИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОМИЛИ РАСИДАН БА РУШДИ УСТУВОР АСТ

**21-уми феврали соли равон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Паёми Пешвои миллат ифшогари рози дили мардум аст» машварат баргузор гардид.**

Онро бо сухани ифтитоҳӣ муовини якуми роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғайратшо Тағозода ҳусни оғоз бахшид. Таъкид шуд, ки паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон нақши бағоят муҳим мегузоранд. Аз мазмуну муҳтавои ҳар як Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дастуру супоришҳо ва талошҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама, ба хотири ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи Тоҷикистон, рушду ободии Ватани азизамон, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, фароҳам овардани шароит барои рӯзгори босаодати халқ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳалли мушкилоти глобалии замони муосир, таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон, инчунин, баланд бардоштани обрӯю эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода заҳмати содиқонаи мардуми кишвар, раванди созандагиву ободкорӣ, иҷрои нақшаву барномаҳои қабулшударо аз ҷумлаи омилҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат арзёбӣ кард.



- Пешвои миллат иброз доштанд, ки Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа - ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсат қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои зарурИро амалӣ карда истодааст. Дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ, равона карда шуд, - гуфт С. Тағойзода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло зимни суханронӣ, пеш аз ҳама, ин нуктаро таъкид намуд, ки дар Паём дар баробари дигар масъалаҳо вазъи соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, роҳ ва алоқа низ пурра таҳлил гардида, роҳҳои асосии рушди ин соҳаҳо мушаххас карда шуданд.

Гуфта шуд, ки яке аз қисматҳои асосии Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла, «энергияи сабз» бахшида шуд. Сарвари давлат истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз»-ро аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатнокии иқтисоди кишвар ҳисобида, қаблан иброз дошта буданд, ки ҳоло асосноккунии се лоиҳаи истифодаи неруи офтоб ва шамол бо иқтидори умумии 260 мегаВатт оғоз гардидааст.

- Пешвои миллат дар Паёмашон ба мавзӯи роҳсозӣ низ таваҷҷуҳ карда, чунин иброз доштанд: «Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд, - қайд кард Хайрулло Амонулло ва ҳамзамон нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҷеъ ба рушди соҳаҳои саноат, нақлиёт, роҳсозӣ ва дигар бахшҳои иқтисоди мамлакат шарҳу тавзеҳ дод.

Дар машварат раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ва муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода низ баромад карданд.

Бино ба қавли онҳо, таҳлили мазмунии Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар меҳвари он масъалаҳои рушди иқтисоди мамлакат, таъмини сулҳу субот ва зиндагии шоиста барои ҳар як сокини кишвар қарор гирифтааст. Ин бори дигар аз сиёсати халқпарвару инсонпарвар доштани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳад. Иҷрои софдилона ва саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат аз ҷониби ниҳодҳои дахлдор ва ҳар як шаҳрванди мамлакат имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ба ҳадафҳои рушди устувор ноил гардида, сатҳу сифати зиндагии одамон беҳтар мегардад.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,
«Садои мардум».
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар солҳои аввали ташкили артиш, сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва шаҳрвандони мамлакат, ки дорои маълумоти ҳарбӣ ва ё дар эҳтиёт қарор доштанд, пурра карда шуда, асосан дар он солҳо Артиши миллӣ бар зидди неруҳои мусаллаҳи мухолифин амалиёти ҳарбӣ мебурд. Ҷиҳати танзими муносибатҳо ва ташкили мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1997 Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, баъдтар он ба Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

- Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон аз 27- уми июни соли 1997 санади ниҳоят муҳим мебошад, ки дар асоси он низои мусаллаҳонаи дохилӣ дар кишвар хотима ёфта, ваҳдати миллӣ дар кишвар барқарор гардид. Дар ин давра дар ҳайати Артиши миллӣ се навъи Қувваҳои Мусаллаҳ - Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои зудамал ва воҳидҳои дигари низомӣ ташкил карда шуд, - иброз намуд Файзалӣ Идизода.

Зикр гардид, ки то соли 2005 ҳафзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марзбонони Федератсияи Россия пурра ба зиммаи сарҳадбонони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, қувваҳои сарҳадии мамлакат пурра аз иҷрои ҳифзи сарҳади давлатӣ баромада истодаанд.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Гулбаҳор Ашӯрзода дар мавзӯи «Рушди Артиши миллӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар» баромад карда, гуфт, ки гарчанд Артиши миллии мо пас аз соҳибистиқлолии давлати ҷавонамон дар вазъияти ниҳоят мушкили иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода шуд, вале дар натиҷаи андешидани ҳамаи тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби роҳбарияти Давлату Ҳукумати кишвар ҷузъу томҳои он дар як муддати начандон тӯлонӣ барои ҳифзи марзу буми аҷдодӣ ва дастовардҳои истиқлолияти мамлакатамон омода гардиданд.

Албатта, Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол пояи матин, кафили бехатарию таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад ва ин мактаби мардонагӣ меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар боз ҳам бештар намуда, ба онҳо дарси зиндагиву ҷавонмардиро меомӯзад. Аз ин рӯ, ҳар як падару модарро зарур аст, ки ҳисси ватандӯстиро аз хурдӣ дар дили фарзандони хеш ҷо намуда, онҳоро баҳри иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ба хизмати ҳарбӣ раҳнамоӣ ва аз адои хизмати онҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, ифтихор намоянд, то ин ки ба дигарон намунаи ибрат гардад, - гуфт Гулбаҳор Ашӯрзода.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Абдуҳалим Ғаффорзода аз мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ёдрас шуда, таъкид кард, ки сарфи назар аз вазъи номусоиди ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, дар кишвар Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвияти Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат имкониятҳои мавҷударо оқилона ва дурандешона дар амал татбиқ намуданд. Дар натиҷа, мушкилиҳо паси сар гардида, ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфт.

- Ватандӯстию садоқат бояд барои ҳар як фарди ҷумҳурӣ мактаби бузурги эътиқод, далерию ҷавонмардӣ бошад, зеро фарзандони ватандӯсту ба арзишҳои олии инсонӣ садоқатманд ва нигаҳдорандаи оини ватандорӣ метавонанд дар лаҳзаҳои душвор ҷон ба каф гирифта, марзу буми Ватанро дифоъ кунанд,- иброз намуд Абдуҳалим Ғаффорзода.

Мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Моҳираи Гулмурод зикр кард, ки ягон давлат бе Артиши миллии муқтадир ва муҷаҳҳаз пойдор нест, зеро артиш сипари боэътимоди давлат, кафили амният ва зиндагии осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад.

- Баробари соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин иқдомоти Пешвои миллат, сарфи назар аз ҳама мушкилот, ба вуҷуд овардани Қувваҳои Мусаллаҳ буд. Яке аз нахустин қарорҳое, ки таҳти раёсати Роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ташкил намудани Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, - гуфт Моҳираи Гулмурод.

Дар хотима Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода таъкид кард, ки Артиши миллӣ сипари боэътимоди давлату ҳукумат ба ҳисоб рафта, таърихи ба даст овардани он ба кору пайкори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайвандӣ дорад.

- Имрӯз бо ифтихор изҳор менамоем, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар симои Қувваҳои Мусаллаҳ ҳомиёну муҳофизони боэътимоди худро мебинанд ва дилпурона бо роҳи бунёдкориву созандагӣ пеш мераванд. Итминони комил дорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба савганди худ содиқ монда, минбаъд низ бо сарварию роҳнамоиҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолат ва уҳдадориҳоро дар назди давлат ва мардуми кишвар бо сарбаландӣ иҷро намуда, тамоми донишу таҷриба ва малакаву маҳорати худро ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ сафарбар менамоянд,- иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

**Хӯҷаназар АМИНИЁН,
Сайфиддин СУННАТӢ,
«Садои мардум».
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# РОҲИ ПУРШЕБУ ФАРОЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

## Аз Қасри Арбоб то қуллаи шараф

**Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 30 соли фаъолият роҳи пуршебу фарозеро тай кардааст. Аз норасоии иншооту техникаи ҳарбӣ то камбуди кадрӣ, аз вазъи ногувори кишвар то нобоварии мардум, аз мавҷуд набудани замина то мушкилоти фазову муҳит. Хушбахтона, ҳоло бо тай кардани чунин ноҳамвории мавқеи Артиши миллӣ яке аз баландтаринҳо дар минтақа буда, қудрати ҳалли мушкилиҳои дохиливу беруниро соҳиб аст.**

**Дар муддати 30 сол Артиши миллӣ борҳо аз имтиҳонҳои сахти давлатдорӣ гузаштааст. Албатта, то ба ин сатҳ ташаккул ёфтани Қувваҳои Мусаллаҳ, агар аз як тараф, фароҳам овардани шароити мусоид аз ҷониби Ҳукумат бошад, аз ҷониби дигар, дар дуруст ва сари вақт таҳияву қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аст. Ҳанӯз соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари тасдиқи муқаддасот ва рукнҳои давлатдорӣ, инчунин барои идораи минбаъдаи давлат ва танзими як қатор соҳаҳо заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуд.**



Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон неруест, ки 30 сол боз ҳар як ваҷаби Ватани азизамонро аз ҳама гуна хавфу хатар ҳифз карда истодааст. Фаромӯш накардаем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон баъди якуним соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуд, ки бақои давлати мустақили тоҷикон таҳти хатари ҷиддӣ қарор дошт. Дар он рӯзҳои бисёр мушкил ва ҳассосу тақдирсоз барои таъсиси сохторҳои низомӣ ягон заминаи воқеӣ мавҷуд набуд. Аксар бовар надоштанд, ки дар он шароити вазнин - касодии иқтисодӣ ва вазъи ниҳоят ноороми сиёсӣ, таъсиси Артиши миллӣ имконпазир бошад, зеро баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар байни понздаҳ ҷумҳурии собиқи он Тоҷикистон ягона давлати соҳибистиқлол ба шумор мерафт, ки аз Артиши шӯравӣ чизе мерос нагирифт. Дар ҳоле ки дигар ҷумҳуриҳо қисмҳои ҳарбии дар қаламравашон ҷойгирбударо бо тамоми техникаи ҳарбӣ ва муҳимоту лавозимоти ҷангӣ миллӣ гардонида, соҳиби артиш ва дигар сохторҳои низомӣ шуданд.

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввал хуб дарк мекард, ки давлат бидуни Қувваҳои Мусаллаҳ ва неруи таъминкунандаи амнияту суботи мамлакат вуҷуд дошта наметавонад. Чунончи, Сардари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба 20-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Рӯзҳои нахустини таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ барои давлати ҷавони мо давраи ниҳоят душвор буд. Нарасидани техника, силоҳу муҳимоти ҷангӣ ва одитарин ҷузъиёти ҳарбӣ, аз қабили сарулибос ва ҷойи хоби афсарону аскарон ҳар лаҳза эҳсос мешуд. Бо вуҷуди ҳамаи ин норасоиву мушкилот 23-юми феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ доир шуд ва афсарону сарбозони содиқу ватандӯст - ҷавонмардоне, ки бевосита ба хотири истиқрори сулҳ ва қатъи хунрезӣ сина сипар карда буданд, бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ аз он гузаштанд».

Яъне, метавон гуфт, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сифр бунёд шуд. Аз сифр техника пайдо шуд. Аз сифр хизматчиён ҷалб шуданд. Аз сифр ба имрӯз расонида шуд. Ҳамин аз сифр оғоз карданҳо буд, ки пеш аз паради ҳарбӣ 14-уми феврали соли 1993 вазири мудофиаи вақт сокинони кишвар, хусусан ҷавононро барои пайвастан ба артиш ва дар ҳифзу нигоҳдории Ватан саҳм гузоштан тариқи воситаҳои ахбори омма даъват карда буд.

Далели раднопазир аст, ки ҳанӯз дар солҳои аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ба дӯши он якҷо бо дигар мақомоту сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ вазифаи басо бузург ва масъулияти ниҳоят муҳим - таъмин кардани субот ва амнияти кишвар вогузор гардид. Яъне, дар баробари дигар мушкилот, набояд фаромӯш кард, ки соли 1993 дар кишвар ҷанги бародаркуш идома дошт ва барои ҳар сарбозу афсар хатар даҳчанд эҳсос мегашт.

Хушбахтона, Қувваҳои Мусаллаҳ аз он рӯзҳои вазнин сар карда, дар барқарор кардани сохти конститутсионӣ ва мубориза бар зидди дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор, ошӯбҳои хиёнаткорона, кӯшишҳои табаддулоти ҳарбии хоинони миллат ва ҳифзи сарҳади давлатӣ хизмати фидокоронаро анҷом дод.

Пас аз ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ Ҳукумати мамлакат бо мақсади ҳар чӣ зудтар ба эътидол овардани вазъияти кишвар ба ташкили воҳидҳои зарурии низомӣ, аз ҷумла қӯшунҳои хушкигард, зудамал, дохилӣ, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Гвардияи миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ва таъминоти онҳо бо иншоот, техника ва лавозимоти ҳарбӣ, инчунин тарбияи кадрҳои соҳибихтисос кӯшиш карда, сарфи назар аз душвориву мушкилоти зиёд ҳалли ин масъалаҳоро тадриҷан таъмин намуд. Дар натиҷа, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми комилан ташаккулёфта табдил дода шуд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон бо дарки зарурати ҳалли проблемаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомӣ баробари таъмин гардидани суботи сиёсӣ ҳамаи имкониятҳои мавҷударо ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид ва муосир равона карда, ин роҳро идома дода истодааст.

Дар солҳои аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо аз камбуди бинову дигар инфрасохтори хусусияти ҳарбидошта, техникаву лавозимоти ҷангӣ, балки аз норасоии кадрҳо низ шадидан танқисӣ мекашидем. Марказ ва донишкадаҳои махсусро барои тарбия ва омода сохтани кадрҳои низомӣ надоштем. Бо дарназардошти талаботи соҳа тарбияи кадрҳои низомӣ дар мамлакат бо таъсиси Коллеҷи олии ҳарбӣ, ки баъдан ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа табдил дода шуд, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ, Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба роҳ монда, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ бо мутахассисони зарурӣ то андозае таъмин карда шуд. Дар баробари ин, дар як қатор муассисаҳои олии касбӣ кафедраҳои ҳарбӣ таъсис ёфтанд, ки донишҷӯёни соҳаҳои гуногунро дар равияҳои гуногуни низомӣ омода менамоянд. Ҳар сол садҳо нафар аз донишгоҳҳои гуногун кафедраҳои мазкурро хатм карда, дар машқҳои якмоҳаи тайёрии ҳарбӣ иштирок мекунанд ва барои ҳифзи марзу буми кишвари соҳибистиқлолу соҳибихтиёрамон омода мешаванд. Инчунин, давоми 30 соли охир ҳазорҳо нафар дар муассисаҳои олии ҳарбии давлатҳои хориҷа таҳсил намуда, ба Ватан баргаштанд ва ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ шомил шуда, рисолати фарзандиро дар назди Модар-Ватан сарбаландона иҷро карда истодаанд.

Ҳоло Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ифтихори давлату халқи Тоҷикистон аст. Дар муддати 30 сол Артиши миллӣ борҳо аз имтиҳонҳои сахти давлатдорӣ гузаштааст. Албатта, то ба ин сатҳ ташаккул ёфтани Қувваҳои Мусаллаҳ, агар аз як тараф, фароҳам овардани шароити мусоид аз ҷониби Ҳукумат бошад, аз ҷониби дигар, дар дуруст ва сари вақт таҳияву қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аст. Ҳанӯз соли 1992, боз ҳам дар ҳамон Иҷлосияи тақдирсози миллат - Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари тасдиқи муқаддасот ва рукнҳои давлатдорӣ, инчунин барои идораи минбаъдаи давлат ва танзими як қатор соҳаҳо заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуд. Аз ҷумла, бори аввал лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва «Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» таҳия, муҳокима ва тасдиқ шуданд.

Солҳои минбаъда, раванди такмил додани қонунгузории соҳаи ҳарбӣ давом ёфта, якчанд қонуни дигар қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Имрӯз, ҳамчунин, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи силоҳ», «Дар бораи фармоиши давлатии мудофиавӣ», «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳолати ҷангӣ» ва даҳҳо қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, аз ҷумла фармону амрҳои Президенти мамлакат ва қарору фармоишҳои Ҳукумат қабул шудаанд, ки онҳо асосҳои сиёсати давлатро дар соҳаи мудофиа, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиёни ҳарбиро танзим мекунанд.

Дар натиҷа, сол аз сол Артиши миллӣ рушд кард ва дар баробари таъмини сулҳу субот дар кишвари азизамон, ба ҳимоя ва ҳалли масоили байналмилалӣ камар мебандад. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло яке аз артишҳои муваффақи минтақа маҳсуб ёфта, дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии низомӣ дар машқҳои муштараки фармондеҳиву ситодии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай фаъолона иштирок намуда, қобилияти баланди омодагии ҷангиро собит месозанд ва дар айни замон маҳорат ва таҷрибаашонро дар ин самт такмил медиҳанд.

Дар ин замина, баробари рушди иқтисоди мамлакат барои боз ҳам беҳтар кардани шароити кору зиндагии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ карда шуданд, чунки ғамхорӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ, пеш аз ҳама, ғамхорӣ ба давлату миллат аст ва Ҳукумати кишвар ин масъаларо хуб дарк мекунад.

Хулоса, халқи Тоҷикистон дар симои Қувваҳои Мусаллаҳ ҳомиву муҳофизи боэътимодро мебинанд ва дилпурона бо роҳи бунёдкориву созандагӣ пеш мераванд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати 29-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми феврали соли 2022 изҳор доштанд: «Мо бо афсарону сарбозони далеру ҷасури Қувваҳои Мусаллаҳи давлати соҳибистиқлоли худ, ки фарзандони миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободгару созандаи тоҷик мебошанд, ифтихор мекунем.

Мо аз саҳми басо арзишманди ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва собиқадорон дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои бузургу таърихии халқамон – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи марзҳои муқаддаси давлати тоҷикон, таъмини амнияти давлат ва халқи Тоҷикистон ҳамеша сипосгузорем».

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,
«Садои мардум»**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## 150 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАР БАРҚАРОР ГАРДИД



**- Прокуратураи генералӣ соли 2022 вобаста ба риоя ва иҷрои қонунгузории мамлакат 6514 санҷиш гузаронида, бо натиҷаи онҳо 43 ҳазору 158 санади эътиноии прокурорӣ, аз ҷумла 20 ҳазору 142 амр, 9311 пешниҳод ва санадҳои ғайриқонунӣ, 13 ҳазору 705 этироз оварда, 54 ҳазору 270 қарор оид ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ бароварда, 3897 парвандаи ҷиноятӣ кушодааст, - дар ин хусус 17-уми феврали соли равон прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Ӯ, ҳамчунин, гуфт, ки дар натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ 995,8 миллион сомонӣ зарар барқарор карда шуд, ки аз он 364,4 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ворид гардид. Инчунин, 16 ҳазору 32 гектар замини ғайриқонунӣ тақсим ва худсарона ишғолгардида ба ҳолати аввала баргардонида шуд. Ба 23 ҳазор парвандаҳои ҷиноятӣ назорати прокурорӣ таъмин шуда, муфаттишони прокуратура тафтиши 4250 парвандаи ҷиноятиро ба итмом расонида, 150 миллион сомонӣ зарарро барқарор карданд.

Бо натиҷаи баррасии масъалаҳо ба раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералӣ ҷиҳати таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бартараф кардани камбудию норасоиҳо супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Соли сипаригардида аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии саривақтӣ, холисонаи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқу манфиатҳои поймолшудаи онҳо таҳти назорати доимӣ қарор дошта, аз ҷониби прокурори генералӣ 960 муроҷиат тавассути телефони боварӣ, 100 муроҷиат тариқи интернет - қабулгоҳи Прокуратураи генералӣ ва 140 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қабул ва чораҷӯӣ шуд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АФЗУД



**«Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2022 таҳти №309 «Дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026» сохтмон ва бунёди 71 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси беш аз панҷ ҳазор ҷойи кор дар шаҳри Душанбе пешбинӣ гардидааст, ки аз ин шумора то ҳол 17 корхона ба истифода дода шуданд», - гуфт муовини якуми раиси шаҳри Душанбе Ҷамшед Табарзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 17-уми феврали соли равон баргузор гардид.**

Номбурда, ҳамчунин, афзуд, ки бо мақсади амалисозии ҳадафҳои миллӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат фаъолияти корхонаҳои муосири истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, ҳасиб, асфалтбарорӣ, сангмайдакунӣ, бетон ва қолинбофӣ оғоз бахшида шуд.

Зикр гардид, ки истифодаи самараноки иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда ҷиҳати афзоиш ёфтани соҳаи саноати шаҳр дар соли 2022 заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар давраи мавриди назар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи коркард, аз ҷумла нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маснуот ва пойафзол 102,5 фоиз, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб, фаъолияти табъу нашр ва коғаз 123,2 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ 2,6 маротиба, металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 1,8 маротиба, таҷҳизоти барқӣ 1,9 маротиба ва истеҳсоли воситаҳои нақлиёт 141,1 фоиз афзуд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра ба 22,5 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,1 фоиз ва саҳми он дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 19,5 фоизро ташкил дод.

**Т. ҲАФИЗУЛЛОҲ, «Садои мардум»**

## МУШКИЛОТИ МАРБУТ БА ПИРЯХҲО ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ МЕШАВАД



**Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин 17- уми феврали соли равон дар нишасти матбуотӣ хабар дод, ки моҳи марти соли ҷорӣ Сарвазири Федератсияи Россия Михаил Мишустин бо як ҳайат ба Тоҷикистон меояд.**

- Боварӣ дорем, ки сафари мазкур хеле самаранок хоҳад буд. Ҳар ду ҷониб интизоранд, ки дар доираи ин сафар якчанд масъалаи муҳим, дар бахши иқтисоду тиҷорат, баррасӣ мегардад, - изҳор намуд вазир.

Зикр гардид, ки соли сипаришуда боздиди расмию кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Миср, Эрон, Ӯзбекистон, Покистон, Хитой, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон сурат гирифтанд.

Соли сипаришуда заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 71 санад таҳким ёфт, ки 56-тои он дар рафти сафарҳои расмӣ дар сатҳи олӣ ба имзо расонида шуданд. Ҳамин тариқ, зимни сафарҳои расмии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Миср 5 санад, Эрон - 17, Ӯзбекистон - 15 ва Покистон 9 санад ба имзо расид.

Сироҷиддин Муҳриддин зикр кард, ки бо ибтикори Тоҷикистон ва ҳамёрон бори нахуст дар доираи Конфронси тарафҳо Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, яъне «COP 27», мавзӯи об алоҳида, минбаъд дар рӯзномаи тағйирёбии глобалии иқлим мавриди баррасӣ қарор мегирад ва бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон акнун мавзӯи пиряхҳо дар платформаҳои байналмилалӣ баррасӣ хоҳад шуд.

Соли гузашта бо мусоидати Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа 81 анҷумани иқтисодӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ дар дохил ва хориҷи кишвар тариқи ҳузурию маҷозӣ баргузор карда шуд, ки дар онҳо беш аз 6 соҳибкору сармоягузор ва намояндагони мақомоти давлатӣ ширкат варзиданд. Дар доираи ин чорабиниҳо беш аз 300 санади ҳамкорӣ ба маблағи зиёда аз 1,5 миллиард доллари ИМА ба имзо расид.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## АҚДИ НИКОҲ КАМУ БЕКОРШАВИИ ОН ЗИЁД



**Дар нишасти матбуотии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16-уми феврали соли 2023 доир гардид, мавзӯи пурбаҳс фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар кишвар буд.**

Иттилоъ доданд, ки соли 2022 таваллуд - 232 ҳазору 733 адад, вафот - 31 ҳазору 291, сабти ақди никоҳ- 70 ҳазору 802, бекор кардани ақди никоҳ - 13 ҳазору 876, муқаррар кардани падарӣ - 41 ҳазору 991, фарзандхондӣ – 1637 ва иваз намудани ному насаб 20 ҳазору 503 адад ба қайд гирифта шудааст.

Гуфта шуд, ки дар умум аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ин давра 464 ҳазору 178 санад ба қайд гирифта шуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи қаблӣ 326-то зиёд мебошад.

Бино ба иттилои масъулин, дар вилояти Суғд аз ҳама бештар бекор кардани ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки шумораи он 4302 мебошад. Бекор кардани ақди никоҳ дар вилояти Хатлон 3607 ҳолат, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 3311, шаҳри Душанбе - 2430 ва дар ВМКБ 226 ҳолат сабт шудааст.

10 ҳазору 893 ҳолати бекоршавии ақди никоҳ бо қарори судҳои шаҳру ноҳияҳо, 2900 ҳолат бо аризаи якҷояи муштараки зану шавҳар ва 83 ҳолат бо аризаи яке аз ҳамсарон сурат гирифтааст.

Дар мавриди ба қайд гирифтани никоҳи бармаҳал иттилоъ доданд, ки дар давраи зикршуда 695 ҳолат сабт шуда, дар муқоиса бо соли гузашта 100 ҳолат зиёд гардидааст. Аз ин шумора 238 ҳолат дар вилояти Хатлон, 163 - дар вилояти Суғд, 136 - дар Душанбе ва 158 ҳолат дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## ЧАРО ВАЗОРАТИ МОЛИЯ БА ДУ БОНКИ ДАВЛАТӢ 100 МИЛЛИОН СОМОНӢ ДОД?

**Нишасти матбуотии Вазорати молияи мамлакат, ки 17-уми феврали соли равон баргузор шуд, аз лиҳози давомнокӣ (қариб 2 соат) ва теъдоди пурсишу посух камназир буд.**

Вазир Файзиддин Қаҳҳорзода ба саволҳои журналистон, ки ба маблағгузории НБО-и «Роғун», мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ, қарзи хориҷӣ, додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ, махсусиятҳои андозбандӣ, воридоти маснуоти заргарӣ ба кишвар ва ғайра марбут буд, посухҳои қаноатбахш дод.

Зимни посух ба саволи аз ҷониби корманди рӯзнома оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ пешниҳодшуда, Файзиддин Қаҳҳорзода хушбин буданашро иброз намуда, баҳри тақвияти андешааш аз нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишварамон ёдовар шуд.

Барои мисол, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ соли гузашта ба 115,7 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиши воқеии он ба 8,0 фоиз баробар гардидааст, ки бо назардошти вазъи ҷаҳони муосир дастоварди қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш мебошад.

Аз шарҳу тавзеҳи вазири молия маълум гардид, ки ин тамоюли мусбат асосан аз ҳисоби соҳаҳои саноат 15,4 фоиз, кишоварзӣ - 8, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 11,4, хизматрасонии пулакӣ -16, мусофиркашонӣ – 13, гардиши савдо - 11,2 ва гардиши савдои хориҷӣ 14,9 фоиз таъмин шуд.

Хурсандиовар аст, ки нақшаи пешбинишудаи қисми даромад аз ҳисоби воридоти андозӣ 106,5 фоиз (21,8 млрд. сомонӣ) ва нақшаи даромади ғайриандозӣ 118,5 фоиз ( 2,4 млрд. сомонӣ) иҷро гардидааст.

Дар раванди саволу ҷавоб маълум гардид, ки соли гузашта ба сохтмони НБО-и «Роғун» 3,8 миллиард сомонӣ равона гардида, таваҷҷуҳи созмонҳои бонуфузи молиявӣ ба иншооти муҳим тамоюли афзоишро касб кардааст.



Таҳти сарпарастии Бонки ҷаҳонӣ дар ин самт кори зиёд ба анҷом расида, ҳадаф он аст, ки барои муҳимияту дурустии маблағгузории неругоҳи барқи обии мазкур шубҳа боқӣ намонад.

Файзиддин Қаҳҳорзода аз иқдоми раъиятпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - расониданни кумаки молиявии яквақта ба маблағи 600 сомонӣ ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ, ёдовар гардид. Зикр шуд, ки тибқи дастури Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, то охири соли 2022 ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ бояд равона мегардид. Бино ба гуфти номбурда, то ин вақт аз маблағи пешбинишуда 240 миллион сомонӣ ба ашхоси мавриди назар дастрас шуд.

Барои журналистон таваҷҷуҳбарангез ва ҷолиб муждаи вазири молия дар бобати ҷудо шудани 100 миллион сомонӣ ба ду бонки давлатӣ - БДА ҶТ «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» буд. Маълум гардид, ки ин маблағ барои пешниҳоди қарз бо фоизи паст (10 фоиз) ба муҳлати 6 сол дода шудааст. «Амонатбонк» уҳдадор аст, 50 миллион сомонии зикршударо барои дастгирии бахши кишоварзӣ ва «Саноатсодиротбонк» барои рушди савдо, тиҷорат ва ҳунарҳои мардумӣ ба сифати қарзи имтиёзнок пешниҳод намоянд.

Иттилои муҳими дигар ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дахл дошт. Дар ин раванд 6,8 млрд. сомонӣ аз худ гардидааст, ки аз он 3,7 млрд. сомонӣ (55,0 фоиз) грант ва 3,0 млрд. сомонӣ (45,0 фоиз) қарз мебошад.

Соли 2022 нақшаи қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 108,0 фоиз ва буҷетҳои маҳаллӣ 103,7 фоиз иҷро шуда, ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат зиёда аз 34,8 млрд. сомонӣ равона гардид. Аз ҷумла, маблағгузории соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ба 1,9 миллиард сомонӣ, маориф - 6,4, тандурустӣ - 2,6 , суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 4,3, хоҷагии манзилию коммуналӣ - 1,8, фарҳанг ва варзиш -1,1, комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 6,5, кишоварзӣ - 1,1, нақлиёт ва коммуникатсия - 2,4 миллиард сомонӣ ва сохтмону саноат 288,5 млн. сомонӣ таъмин шуд.

Махсус таъкид гардид, ки ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ, бо назардошти хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ба ин соҳаҳо 16,3 млрд. сомонӣ равона гардид.

Чун ҳарвақта журналистон ба қарзи хориҷии мамлакат таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Аз посухи вазир маълум шуд, ки дар ин давра барои хизматрасонии қарзи берунаи ҷумҳурӣ 254,6 млн. доллари амрикоӣ пардохт шудааст.

Дар баробари ин, бо мақсади ҷалби маблағи иловагӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, ҳамкорӣ бо шариконни рушд ва дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ тавсеа ёфта, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 19 созишномаи қарзию грантӣ ба маблағи умумии 664,9 млн. доллари амрикоӣ ба имзо расид.

Муҳим он аст, ки аз маблағи умумии лоиҳаҳои баимзорасонидашуда 92 фоиз (612,3 млн. доллари амрикоӣ) грант, 25,7 млн. доллари амрикоӣ (3,9 фоиз) қарз ва 26,9 млн. доллари амрикоии боқимонда (4,1 фоиз) саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## ТАЪСИСИ 11 ҲАЗОРУ 448 ҶОЙИ НАВИ КОР ДАР НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ



**Раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Руслан Қодирзода 16-уми феврали соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ маълумот дод, ки соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 517,3 млн. сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 9 млн. сомонӣ зиёд буда, 100,8 фоизро ташкил медиҳад. Мутаассифона, аз 81 корхонаи саноатии бақайдгирифташуда дар ноҳия 19 адад истеҳсолро кам намуда, 19 адади дигар тамоман фаъолият накардаанд.**

Номбурда зикр кард, ки соли 2022 ба шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 4030 шаҳрванди бекор барои дарёфти ҷойи кор муроҷиат намудаанд, ки аз ин ҳисоб 3380 нафар ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, 2550 кас бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштаанд.

Ҷиҳати касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор баҳри иҷрои моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» 650 шаҳрванди бекор ба касбомӯзӣ сафарбар гардиданд. Касбомӯзии шаҳрвандон аз рӯйи 15 намуди касбу ихтисос тавассути роҳхат ба таври ройгон омӯзонида шудааст. Аз ҳисоби сарчашмаҳо тибқи маълумот, дар соли 2022 дар ноҳия 11 ҳазору 448 ҷойи нави кор таъсис дода шуд.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## ДАР НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР СОЛИ 2022 БА МАБЛАҒИ 512,1 МИЛЛИОН СОМОНӢ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ИСТЕҲСОЛ ШУД



**Раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Билол Иброҳим дар нишасти матбуотӣ, ки 15 - уми феврали соли ҷорӣ баргузор шуд, иттилоъ дод, ки соли 2022 иҷрои қисми даромад аз ҳисоби андозсупорандагон 101,1 фоиз, бахши маҷмӯии даромади буҷет 106,9 фоиз таъмин гардид. Корхонаҳои саноатии ноҳия, бо назардошти сектори ғайридавлатӣ, соли 2022 ба маблағи 512,1 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2021-ум 53,3 миллион сомонӣ зиёд буда, 110,5 фоизи нишондиҳандаи як соли пешинро ташкил медиҳад.**

Боиси қайд аст, ки дар ноҳия маҳсулоти кишоварзӣ низ истеҳсол мешавад ва ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳи хабарнигори рӯзнома қарор дошт. Раиси ноҳия дар иртибот ба ин масъала иттилоъ дод, ки айни ҳол дар заминҳои ба ҳудуди ноҳия воридгардида 272 хоҷагии деҳқонӣ амал мекунад, ки дар ихтиёри худ 486,06 гектар заминҳои обӣ дорад. Соли гузашта дар маҷмӯъ, 11 696,7 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ҷамъоварӣ шуд.

Дар бахши манзилию коммуналӣ низ корҳои зиёд ба анҷом расиданд. Бо мақсади омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 фаъолияти доимии ситоди ноҳиявӣ ба роҳ монда шуд. Дар мавсими зимистонгузаронӣ вобаста ба иқтидорҳои мавҷуда ва интиқоли неруи барқ, дар маҷмӯъ, 658 иншоот барои қабули гармӣ ба нақша дохил гардид. Барои сарсабзу хуррам гардидани ҳудуди ноҳия давраи тирамоҳи соли 2021 ва баҳори соли 2022, аз ҷумла 74 ҳазору 96 бех дарахтони ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда, 5 миллиону 94 ҳазору 200 дона гулҳои мавсимӣ шинонида шуд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## 500 НОМГӮИ МАҲСУЛОТ СОДИРОТ МЕШАВАД

**- Агентии содирот бо мақсади афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ бо намояндагони бахши хусусӣ, корхонаҳои истеҳсолкунандаи намак, сангу филизоти қиматбаҳо, ангишт, обҳои нӯшокӣ ва ташнагишикан, тухм, гӯшти паранда, ангур, гелос ва ширкатҳои логистикӣ ҳамкориро ба роҳ монда истодааст,- гуфт директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳриддин Сироҷиддинзода.**



Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 110 мамлакати дуру наздики хориҷӣ савдои хориҷиро ба роҳ монда, соли гузашта содироти 500 номгӯи маҳсулотро ба 52 кишвари дунё анҷом дод. Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2022 гардиши савдои хориҷӣ 7 миллиарду 309 миллион долларро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки қисми назарраси содироти маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби маъдану консентратҳо – консентрати мис, руҳ, сурма ва филизоти ишқорӣ ба амал омадааст. Дар ин давра содироти маҳсулоти кишоварзӣ 54 миллиону 299 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 48,3 дарсад зиёд мебошад. Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон 27-уми январи соли 2022 содироти тухми мурғ, бо назардошти таъмини бозори дохилӣ дастур дода шуд. Дар натиҷа, соли 2022-юм 23,4 миллион дона тухми паранда содирот шуд. Инчунин, дар давраи мавриди назар 66,7 тонна пиёзи барвақтӣ ба маблағи 6769,1 ҳазор доллар содирот гардид.

Хабарнигорон аз баландшавии бесобиқаи нархи пиёз нигаронӣ карданд. Баҳриддин Сироҷиддинзода баландшавии нархи пиёзро ба сармои ногаҳонӣ рабт дода, ёдовар шуд, ки айни замон содироти пиёз муваққатан манъ шудааст.

**М. АБДУХОЛИҚ, «Садои мардум»**

## БА 906 ЗАН СЕ МИЛЛИОН СОМОНӢ ҶУДО КАРДА ШУД, ТО ҲУНАРҲОИ МАРДУМИРО ЭҲЁ КУНАНД



**- Дар доираи роҳандозии тадбирҳои судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ дар ду соли охир 0,9 фоиз коҳиш ёфта, то 1-уми декабри соли 2022 музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ 1730,12 сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 204,70 сомонӣ зиёд аст.**

Бо мақсади таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа 20 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 1031 ярмаркаи ҷойҳои корӣ гузаронида, ба 8 ҳазору 400 шаҳрванд роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд, - иттилоъ дод вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода 13-уми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ.

Зикр шуд, ки барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 1,4 ҳазор шаҳрванди бекор ба маблағи 5,1 миллион сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба ҳазор нафар 3 миллиону 600 ҳазор сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба 814 шаҳрванди бекор ба маблағи 2 миллион сомонӣ кумаки молиявӣ пардохта шуд. Инчунин, ҷиҳати ба роҳ мондани соҳибкорӣ ба як ҳазору 900 зан ба маблағи 6 миллиону 100 ҳазор сомонӣ, ҷиҳати эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ба 906 нафар ба маблағи 3 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардид.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## ТАВАҶҶУҲИ ДОВТАЛАБОН ЗИЁД АСТ



**- Дар шароите ки аксар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз камбуди теъдоди довталабон мегӯянд нафар таваҷҷуҳ ба ихтисосҳои академия хеле зиёд аст. Соли таҳсили 2022-2023 нақшаи қабул пурра иҷро шуда, шумораи довталабон 110 фоизро ташкил дод, - гуфт Абдухалил Ғафурзода ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ, ки 13-уми феврали соли равон доир гашт.**

Номбурда афзуд, ки шумораи умумии донишҷӯён ва магистрантони академия 4808 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 1027 нафар аз тариқи буҷетӣ ва 3781 нафар шартномавӣ таҳсил доранд.

Зикр гардид, ки соли таҳсили 2021-2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 1268 донишҷӯ ва магистр бояд хатм менамуданд, ки нисбат ба соли таҳсили 2020-2021-ум 385 нафар зиёд мебошад. Аз он шумора 109 нафар бо сабабҳои гуногун (напардохтани маблағи шартномаи таҳсил, сафар ба хориҷи кишвар) ба аттестатсия роҳ дода нашуда, 1159 шахси боқимонда ба комиссияи аттестатсияи хатм роҳ ёфтанд. Аз 1159 хатмкунанда 66 нафар (5,7%) бинобар сабабҳои номаълум дар аттестатсия иштирок накарданд. Аз шумораи умумӣ 383 нафарро маълумоти дуюм, 428 нафар магистрант ва 348 нафарро бакалавр ташкил дод. Аз 1093 нафаре, ки дар аттестатсияи давлатии хатм иштирок намуданд, 1085 нафар аз аттестатсияи давлатии хатм бомуваффақият гузашта, 99,3 дарсади умумиро ташкил медиҳад. 8 нафар хатмкунанда баҳои ғайриқаноатбахш гирифта, аз аттестатсияи давлатӣ нагузаштанд, ки 0,7 дарсади умумиро ташкил медиҳанд.

**ТОҲИРӢ Ҳ., «Садои мардум»**

## ДЭТ: 15 ОМӮЗГОР СОҲИБИ ПАТЕНТИ ИХТИРООТ ШУДАНД



**Соли гузашта 15 омӯзгори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон соҳиби патенти ихтироот гардиданд. Ду нафари онҳо дар хориҷи кишвар патентро ба даст оварданд.**

Дар ин бора ректори донишкада Диловаршо Исозода зимни нишасти матбуотӣ, ки 10-уми феврали соли равон баргузор гардид, иттилоъ дод.

Қайд гардид, ки чор номгӯи патенти ихтироот дар раванди истеҳсолот ва таълим амалӣ шуда, бо санадҳои татбиқ тасдиқ гардиданд.

Донишкада бо 41 муассисаи таҳсилоти олии хориҷи кишвар ва 11 муассисаи таҳсилоти олию пажӯҳишгоҳҳои ватанӣ, аз ҷумла, бо Донишгоҳи давлатии техникии Самараи Федератсия Россия ва бо Донишгоҳи давлатии техникии Гомели Беларус созишномаҳои дутарафа ба имзо расонид.

Соли гузашта чор омӯзгори донишкада дар хориҷи кишвар аз курси такмили ихтисос гузашта, се донишҷӯ барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар ба муҳлати як сол сафарбар шуданд.

- Аз ҳайати 98 - нафараи омӯзгорони донишкада 32 нафарашон дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, - афзуд Д. Исозода.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## ҚОНУН ДАР ТАҲРИРИ НАВ ҲУҶҶАТГУЗОРИРО 60 ФОИЗ КОҲИШ МЕДИҲАД



**- Ҷиҳати то 60 фоиз коҳиш додани номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳо, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав таҳия гардид, - зикр кард дар нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода, ки 14-уми феврали соли ҷорӣ баргузор шуд.**

Раиси кумита иттилоъ дод, ки дар соли сипаришуда 25 форуму ҳамоишҳои соҳибкорию сармоягузорӣ баргузор гардида, беш аз 100 ҳуҷҷати ҳамкорӣ бо доираҳои сармоягузории кишварҳои хориҷӣ ба мувофиқа расид. Ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат се созишномаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 240 миллион доллари амрикоӣ ба имзо расид, ки ба бунёди корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва ташкили 1200 ҷойи нави кор рабт доранд. Ҳоло 72 лоиҳаи давлатӣ ба маблағи умумии 40,0 млрд. сомонӣ амалӣ мегардад.

- Соли 2022 дар натиҷаи истифодаи самараноки моликияти давлатӣ ба буҷети давлат 34,5 миллион сомонӣ ворид шуда, ҷиҳати танзими масъалаҳои идораи моликияти давлатӣ 48 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардид, - гуфт С. Қодирзода.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## ШАҲРВАНДОНИ АЗ 100-СОЛА БОЛО - 72 НАФАР



**- Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз садсола боло 72 нафар мебошанд, ки 34 нафарашон мард ва 38 нафарро занҳо ташкил медиҳад, - гуфт директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар посух ба саволи мо зимни нишасти матбуотӣ 14-уми феврали соли равон.**

Номбурда афзуд, ки соли сипаригашта «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2022»-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2022 тасдиқ шудааст пурра иҷро намуда, 10 ҳазору 742 кори оморӣ ба анҷом расид.

Зикр гардид, ки шумораи қувваи корӣ (аҳолии машғули кор ва бекорони расман ба қайд гирифташуда) дар моҳи декабри соли 2022-юм 2 миллиону 578 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 2 миллиону 524,5 ҳазор нафар (97,9 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт ба кор машғуланд ва 53,5 ҳазор нафар расман мақоми бекорро гирифтаанд, ки 2,1 фоизи шумораи қувваи кориро ташкил медиҳанд.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироя пардохта шудааст, дар моҳи декабри соли 2022-юм 2141,03 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи ноябри соли 2022-юм 12,9 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи декабри соли 2021-ум 18,2 фоиз зиёд шудааст. Музди ҳадди ақал 600 сомониро ташкил медиҳад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 17-уми марти соли 2023 озмуни №4-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 | масоҳати 10,5 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бино | маъмурӣ | 4344 | 1 сол |
| 2 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз - 20 | масоҳати 72 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 5400 | 1 сол |
| 3 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 | масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бино | маъмурӣ | 3150 | 1 сол |
| 4 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | ноҳияи Ҷаббор Расулов, кӯчаи Ҷаббор Расулов | масоҳати 21,84 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 6280 | 1 сол |
| 5 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев - 5 | масоҳати 22 $м^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бино | савдо | 2650 | 1 сол |
| 6 | Маркази алоқаи почтаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | шаҳраки Москва, кӯчаи Саъдии Шерозӣ - 7 | масоҳати умумии 66 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 7000 | 1 сол |
| 7 | КВД «Вахшобсохтмон»-и Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | ноҳияи Вахш, кӯчаи Каримов - 5 | масоҳати 300 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи якум ва дуюми бино | маъмурӣ | 54000 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №54 бо масоҳати 73 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 20000 | 1 сол |
| 9 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №55 бо масоҳати 72 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 20000 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №53 бо масоҳати 75 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 20000 | 1 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 2 | масоҳати 86 $м^2$ аз ҳисоби тарафи рости бинои асосии муассиса | савдо | 11520 | 1 сол |
| 12 | Корхонаи давлатии кишоварзии «Палос»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, шаҳраки Палос, кӯчаи Ваҳдат - 1 | масоҳати 2950 $м^2$ аз ҳисоби биноҳои №5, 6, 7, 9 | хоҷагидорӣ | 17700 | 3 сол |
| 13 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Мусобеков - 20 | масоҳати 33,5 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди минтақаи муҳофизати заҳбурии байнихоҷагии К-2 | савдо | 800 | 3 сол |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров | шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 288 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои таълимии №1, воқеъ дар микроноҳияи 26, х.И.Сомонӣ | хӯроки умумӣ | 11925 | 3 сол |
| 15 | МД «Муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем - 16 | 3 утоқи корӣ дар таҳхонаи бино, масоҳаташ 93,32 $м^2$ | маъмурӣ | 8140 | 3 сол |
| 16 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р.Хоҷиев - 28 | бино бо масоҳати 135,3 $м^2$ бо дарназардошти ҳудуди он аз ҳисоби дидбонгоҳи гумрукии «Ҳаштяк»-и ноҳияи Спитамен | хизматрасонӣ | 4800 | 1 сол |
| 17 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ - 25 | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби бинои №6-и донишгоҳ | савдо ва хизматрасонӣ | 6000 | 3 сол |
| 18 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 28 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои асосӣ барои гузоштани як адад дӯкон | савдо | 13200 | 1 сол |
| 19 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ - 25 | масоҳати 32,89 $м^2$ аз ҳисоби бинои хобгоҳи донишҷӯён | хӯроки умумӣ | 6700 | 1 сол |
| 20 | Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Турдиев - 42 | масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои омӯзишгоҳ | техникӣ | 9024 | 1 сол |
| 21 | КДФ «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»-и шаҳри Ваҳдат | шаҳри Ваҳдат | масоҳати 14,4 $м^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 8712 | 1 сол |
| 22 | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Балҷувон | ноҳияи Балҷувон | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди манораи обтаъминкунии бинои 3- ошёна | техникӣ | 15240 | 1 сол |
| 23 | ҶСК «Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров - 39 | масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби пойгоҳи обкашии корхона, воқеъ дар маҳаллаи 102, кӯчаи Нусратулло Махсумов | техникӣ | 9096 | 1 сол |
| 24 | ҶСК «Шабакаҳои барқи ҷанубӣ» | шаҳри Бохтар, кӯчаи Ҷомӣ - 24 | масоҳати 13 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди Шабакаҳои барқии шаҳри Левакант | техникӣ | 7824 | 1 сол |
| 25 | ҶСК «Шабакаҳои барқи ҷанубӣ»-и вилояти Хатлон | шаҳраки Қубодиён, деҳаи Горкий, қитъаи Горкий | масоҳати 9 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхонаи Шабакаҳои барқии ноҳияи Қубодиён | техникӣ | 5448 | 1 сол |
| 26 | ҶСК «Шабакаҳои барқи ҷанубӣ»-и вилояти Хатлон | шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 80 | масоҳати 9 $м^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 5448 | 1 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 25 | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди кинотеатри «Вахш»-и ноҳияи Вахш, воқеъ дар кӯчаи Ленин - 48 | техникӣ | 12024 | 1 сол |
| 28 | Маркази интиқоли мавҷҳои радио ва телевизионии №1 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 7а | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби бинои техникии МИМРТ-1 | техникӣ | 3650 | 1 сол |
| 29 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Муборак ТЭ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 259 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 7308 | 1 сол |
| 30 | Силсила - неругоҳҳои барқи обии Варзоб | шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамов - 70/1 | масоҳати умумии 50 $м^2$ аз ҳисоби НБО-2 ва НБО-3 | техникӣ | 30072 | 1 сол |
| 31 | Корхонаи фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Рӯдакӣ - 8 | масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 9036 | 1 сол |
| 32 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | ноҳияи Лахш, деҳаи Кӯпрукбошӣ | масоҳати 24 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди стансияи радиотелевизионии «Кӯпрукбошӣ»-и ноҳияи Лахш | техникӣ | 14441 | 1 сол |
| 33 | Корхонаи воҳиди давлатии таъмиру сохтмонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский - 33а | масоҳати 34 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуд ва бинои корхона | техникӣ | 20441 | 1 сол |
| 34 | Муассисаи давлатии «Литсейи касбӣ - техникии ноҳияи Ёвон» | шаҳраки Ёвон, кӯчаи Ҷомӣ - 1 | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | техникӣ | 10816 | 1 сол |
| 35 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи энергетикӣ» | вилояти Хатлон, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод, кӯчаи Чапаев | масоҳати 40 $м^2$ аз ҳисоби муассиса | техникӣ | 24031 | 1 сол |
| 36 | Корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» | шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати шаҳраки Н. Розиқ, шаҳраки Наврӯз | масоҳати 32 $м^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 19246 | 1 сол |
| 37 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 54 | масоҳати 31 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 18603 | 1 сол |
| 38 | Минтақаи таъмиру баҳрабардории ҶСК «Тоҷиктрансгаз» дар вилояти Суғд | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Унҷӣ | масоҳати 23 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди минтақа | техникӣ | 13825 | 1 сол |
| 39 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикобдеҳот»-и шаҳри Истаравшан | шаҳри Истаравшан, деҳаи Ваҳдат | масоҳати 24,25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди обанбори корхона | техникӣ | 14574 | 1 сол |
| 40 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Чароғ» | шаҳри Исфара, шаҳраки Нурафшон, кӯчаи Аксанян - 24 | масоҳати 27,20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 16346 | 1 сол |
| 41 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Истаравшан | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 533 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди Шабакаҳои барқии шаҳри Истаравшан, РЭС «Шаҳристон» | техникӣ | 3730 | 1 сол |
| 42 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ - 168 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | техникӣ | 6046 | 1 сол |
| 43 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ - 15 | масоҳати 12,65 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ | техникӣ | 7630 | 1 сол |
| 44 | Қисми мустақили 20-уми ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати шаҳри Чкалов | шаҳри Чкалов, кӯчаи Гурянов - 2 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди қисми мустақил | техникӣ | 6154 | 1 сол |
| 45 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд | шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р. Хоҷиев - 28 | масоҳати 27,18 $м^2$ аз ҳисоби дидбонгоҳи гумрукии «Фотеҳобод»-и гумруки Мастчоҳ | техникӣ | 16458 | 1 сол |
| 46 | Корхонаи фаръии КВД «Тоҷикзооветсервис» дар вилояти Суғд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ - 13 | масоҳати 14 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 8449 | 1 сол |
| 47 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 36 | масоҳати 9,5 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | техникӣ | 5826 | 1 сол |
| 48 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Гулистон | шаҳри Гулистон, кӯчаи Истиқлол - 113 | масоҳати 7,5 $м^2$ аз ҳисоби бинои Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчоҳ | техникӣ | 4520 | 1 сол |
| 49 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Истаравшан | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 533 | масоҳати 23,25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди коргоҳи Шабакаҳои барқии ноҳияи Зафаробод, РЭС Зафаробод 3 | техникӣ | 14095 | 1 сол |
| 50 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои интиқоли барқ»-и шаҳри Гулистон | шаҳри Гулистон, кӯчаи Истиқлол -113 | масоҳати 27 $м^2$ аз ҳисоби Истгоҳи базаи таъмирию истеҳсолии Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Истаравшан | техникӣ | 16347 | 1 сол |
| 51 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Гулистон | шаҳри Гулистон, кӯчаи Истиқлол - 113 | масоҳати 11,25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона, воқеъ дар шаҳри Исфара, деҳаи Гулистон, истгоҳи Гулистон | техникӣ | 6751 | 1 сол |
| 52 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин - 2 | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди беморхона | техникӣ | 12022 | 1 сол |
| 53 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Ашт | деҳаи Қаҳрамони Ҷамоати деҳоти Шодобаи ноҳияи Ашт | масоҳати 24 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 14425 | 1 сол |
| 54 | Филиали ҶСШК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и шаҳри Гулистон | шаҳри Гулистон, кӯчаи Истиқлол - 113 | масоҳати 7,5 $м^2$ аз ҳисоби зеристгоҳи Такелии Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчоҳ | техникӣ | 4525 | 1 сол |
| 55 | Маркази техникии телевизион ва радиои вилояти Суғд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ - 172 | масоҳати 4 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 2450 | 1 сол |
| 56 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 31 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби боми бинои меҳмонхонаи Қӯшунҳои сарҳадӣ, воқеъ дар вилояти Суғд, ноҳияи Бӯстон, кӯчаи Хуршед Беков - 43 | техникӣ | 3600 | 1 сол |
| 57 | Шуъбаи Хадамоти давлатии оташнишонии минтақаи Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Гулкорон - 5 | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 15000 | 1 сол |
| 58 | Литсейи касбӣ - техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 16 | масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 3500 | 1 сол |
| 59 | ҶСК «Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров - 39 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуд ва манораи корхона, воқеъ дар маҳаллаи Арбобхотун, дегхонаи ғарбӣ | техникӣ | 3612 | 1 сол |
| 60 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и ноҳияи Рашт | шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин | масоҳати 50 $м^2$ аз ҳисоби бинои таълимӣ | хӯроки умумӣ | 5000 | 1 сол |
| 61 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 3 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона барои гузоштани як адад дӯкон | савдо | 4000 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 14-уми марти соли 2023 музоядаи № 6-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| № | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли бароориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ДЭУ-Эсперо | 679 ZB 01 | 1997 | Корхонаи воҳиди давлатии «Алоқаи махсус»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 000 |
| 2 | КИА Соренто | 264 ZA 01 | 2004 | Корхонаи воҳиди давлатии «Алоқаи махсус»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 40 000 |
| 3 | Хундай-тюксон | 387 XX 01 | 2009 | Корхонаи воҳиди давлатии «Алоқаи махсус»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 70 000 |
| 4 | ДЭУ LACETTI | 614 ZC 01 | 2007 | Корхонаи воҳиди давлатии «Алоқаи махсус»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 30 000 |
| 5 | Крани борбардори КС50-42 | Рақами инвентарӣ - 00000126 | 1964 | Неругоҳи барқи обии «Норак» ба номи Т. Ӯлҷабоеви Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» | 500 000 |
| 6 | Шевролет Оптра | 210 ZE 01 | 2009 | Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20 000 |
| 7 | УАЗ-39629-016 | 949 ZC 01 | 2005 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 236 |
| 8 | Тойота Прадо | 622 ZB 01 | 2003 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сементи Тоҷик» | 90 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ - 47/1 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И.Сомонӣ - 47/1, тел: 83422 4-21-83, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**Страна: Республика Таджикистан**

**Проект: Центр управления проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Название: Поддержка реализации коммуникации и социальной мобилизации в Хатлонской области, Фаза 2 в отдельных районах Вахшской зоны**

**Ссылка: RWSSP-CS-CQS / 002-01**

Этот запрос на выражение заинтересованности следует за Общим уведомлением о закупках для проекта, опубликованным в Development Business (Развитие бизнеса) от 12 мая 2019 года.

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие стоимости Проекта сельского водоснабжения и санитарии и намерена направить часть средств на консультационные услуги, необходимые для оказания поддержки в реализации коммуникации и социальной мобилизации в Хатлонской области, Фаза 2 в отдельных районах Вахшской зоны.

Цели развития проекта заключаются в оказании помощи Правительству Таджикистана в: (i) укреплении потенциала учреждений-получателей в секторе водоснабжения и водоотведения; и (ii) улучшить доступ к устойчивым услугам водоснабжения и санитарии. Проект поддерживает инвестиции в водоснабжение и инвестиции в школьные объекты ВСГ в приоритетных районах Хатлонской области с целью улучшения предоставления услуг, расширения доступа к услугам водоснабжения и санитарии для недостаточно обслуживаемого населения, в основном проживающего в сельской местности.

Общая цель этого задания состоит в том, чтобы поддержать деятельность по социальной мобилизации, за которой следует эффективное планирование и поддержка реализации для партнеров по проекту для всесторонней кампании по информированию об изменении поведения и социальной мобилизации в целевых сообществах и целевых школах, включая развитие потенциала всех заинтересованных сторон ПСВС. участие в мероприятиях в целевых районах

Срок выполнения заданий 24 месяца.

Теперь ПСВС предлагает правомочным консалтинговым фирмам («Консультантам») сообщить о своей заинтересованности в предоставлении услуг.

Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, демонстрирующую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг:

• Подтвержденный опыт реализации мероприятий СПИК в секторах здравоохранения и/или ВСГ в рамках как минимум трех проектов, реализованных за последние пять лет в стране;

• Обширный опыт коммуникации, наращивания потенциала и мобилизации сообщества, а также знания в области применения инструментов СПИК для воздействия на мышление и поведение целевых сельских жителей в стране, что подтверждается опытом проведения кампаний по информированию общественности о ВСГ и информационно-разъяснительных мероприятий не менее чем в двух районах страны.

• Обширный опыт мобилизации сообщества и содействия проведению встреч с местными заинтересованными сторонами и разработки учебных программ в секторе ВСГ, что продемонстрировано на примере не менее 10 сообществ в стране, на которые были направлены мероприятия в рамках предыдущих заданий;

• Знание подходов и инструментов социальной ответственности и продемонстрированный опыт институционального укрепления поставщиков услуг в улучшении обратной связи с клиентами, рассмотрении жалоб / недовольство и улучшении реагирования на потребности клиентов;

• Опыт и знание подходов ВСГ в школах, предпочтительно включая проведение учебной программы по управлению менструальной гигиеной/ программой по репродуктивному здоровью.

• Наличие специалистов для выполнения задания. (без индивидуальных резюме).

Подробное техническое задание (ТЗ) для задания прилагается к настоящему запросу на выражение заинтересованности по ссылке: https://drive.google.com/file/d/1-EU db1YQGNWXNJQMZp4KxXTxQJYnPzzl/view?usp=sharing.

Выражения заинтересованности должны быть доставлены в письменной форме по указанному ниже адресу (лично, или по почте, или по факсу или по электронной почте) до 16:00 (время Душанбе) 28 февраля 2023 года.

Внимание заинтересованных консультантов обращается на Раздел III, пункты 3.14, 3.16 и 3.17 Положений о закупках Всемирного банка для Заемщиков ФИП (июль 2016 г., редакция от ноября 2017 г. и август 2018 г.) «Закупки при финансировании инвестиционных проектов, товаров, работ, нематериальных - Консультации и консультационные услуги («Положения о закупках»), которые регулируют политику Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультанты могут объединяться с другими фирмами для повышения своей квалификации, но должны четко указать, является ли объединение формой совместного предприятия и/или субконсалтинговой компании. В случае совместного предприятия все партнеры по совместному предприятию несут солидарную ответственность за весь контракт, если они выбраны.

Консультант будет выбран в соответствии с методом квалификационного отбора консультантов (КОК), изложенным в Положениях о закупках.

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с 09:00 до 16:00 (время местное).

**Центр управления проектами развития муниципальной инфраструктуры (ЦУПРМИ)**

**Вниманию: г-н Абдусамад Саидвализода, директор ЦУПРМИ**

**Республика Таджикистан, г. Душанбе,**
**ул. Н. Карабаева - 56, 4 этаж.**
**Тел: (992372) 33 88 25; 33 13 30.**
**Электронная почта: rwssp@midp.tj**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома бо РМА 185303967-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба хоҷагии деҳқонии «Анзоб» додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДМБ № 0044829 ва таҳти рақами қайди 3688-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 2015 ба Холматов Тӯйчӣ Бурихонович додааст, эътибор надорад.

✓ Диплом бо силсилаи ДТО № 0001408-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ соли 2004 ба Мансурова Миҷгона Уктамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А № 011889-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и шаҳри Роғун соли 1998 ба Авазова Мусалама Хурсандбеговна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА №0762363-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и шаҳри Душанбе соли 2012 ба Ғойибов Манучеҳр Шовалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А № 51032-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1973 ба Гадоев Махманазар Убайдович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии майдони бanaворгирии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Варзоб-фильм»-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Варзоб додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти рақами инвентарии 45580, қайди №7432 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсу ба Қурбонов Бегмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди силсилаи АА №5624084-и гумшуда, ки онро Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 25-уми ноябри соли 2022 ба Лалбеков Бахтиер Пайшанбеевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи С №777057-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1980 ба Акрамова Ойимгуль Достовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии «ОКА ПФ» таҳти рақами 00029974-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Бобомуродов Абдуқаҳор Маҳмадиевич (РМА 095101275) эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2015 ба Юсупова Муҳайё Асламхоновна (санаи таваллуд - 5-уми марти соли 1997) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Ҳисор дар асоси қарори раиси шаҳри Ҳисор соли 2022 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат ба Нуридинов Шарифҷон Маҳмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти рақами 092805-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 5-уми октябри соли 2009 ба Ойматов Қобилҷон Бойматович (РЯМ 6030004604, РМА 605267314) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 28-уми сентябри соли 2018 таҳти феҳристи 2572 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Роҳи нав, ҳавлии №153 ба Саадуллоева Ҳурмат додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Сомон-Д», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 2410002632 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод 12-уми ноябри соли 2012 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ассотсиатсияи «Рушди соҳибкорӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 2410004245 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод 20-уми сентябри соли 2022 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Меҳмони азиз» (РМА 010104151, РЯМ 0110027739), воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 феврали соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97